# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

1. Диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи мақоми сарвари давлат дар панҷ кишвари минтақа бахшида шуда, бо такя ба таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ хусусиятҳои ташаккул ва рушди ниҳоди президентиро дар заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии пасошуравӣ ифшо мекунад. Мавзӯъ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ мубрам арзёбӣ шуда, зарурати таҳқиқи он бо тағйироти амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии даҳсолаҳои охир асоснок гардидааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки пас аз истиқлол ниҳоди сарвари давлат ба унсури марказии низоми идоракунӣ табдил ёфта, нақши он дар таъмини субот ва ҳамгироии ҷомеа муҳим гардидааст. Ҳамзамон, дар ҳар як кишвар моделҳои миллӣ бо хусусиятҳои худ ташаккул ёфтаанд, ки имкони таҳлили муқоисавиро фароҳам меоранд.
2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мутобиқ мебошад. Мубрамии мавзуи диссертатсия дар он ифода меёбад, ки масъалаи вазъи ҳуқуқӣ–конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ имрӯз на танҳо барои илми ҳуқуқ, балки барои таҷрибаи амалӣ низ аҳамияти калидӣ дорад. Аввалан, пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани истиқлолият, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити буҳронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ қарор гирифтанд. Барои таъмини субот ва мутамарказсозии идоракунӣ, ниҳоди сарвари давлат (Президент) ҳамчун унсури асосии ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд омад. Аз ҳамин сабаб, таҳқиқи мақоми конститутсионии сарвари давлат барои фаҳмидани хусусиятҳои ташаккули давлатдорӣ ва механизмҳои идоракунии муосир зарур аст. Дуюм, кишварҳои минтақа гарчанде дорои таърихи муштарак ва мероси шӯравӣ бошанд ҳам, дар ташаккули низоми конститутсионӣ роҳҳои гуногунро интихоб кардаанд. Дар натиҷа, моделҳои гуногуни ҳокимияти президентӣ ба вуҷуд омаданд: аз шакли мутамаркази президентӣ то моделҳои омехтаи ҳамоҳангсоз. Ин гуногунрангӣ Осиёи Марказиро ба объекти ҷолиби таҳлили

муқоисавӣ табдил медиҳад. Сеюм, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои фаромиллӣ (экстремизм, терроризм, мушкилоти экологӣ, рақобати геополитикӣ) нақши Президент дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ беш аз пеш муҳим мегардад. Омӯзиши конститутсионӣ ва ҳуқуқии ин мақом имкон медиҳад, ки қобилияти давлатҳо дар муқобил бо ин чолишҳо арзёбӣ шавад. Чорум, кишварҳои минтақа пайваста ба ислоҳоти конститутсионӣ рӯ меоранд. Ин ислоҳот ба мақоми сарвари давлат, тақсими ваколатҳо ва муносибати шохаҳои ҳокимият таъсири амиқ мерасонад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯъ ба фаҳмидани самтҳои тағйирот ва пешниҳоди роҳҳои такмили ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, мубрамияти мавзу дар он аст, ки омӯзиши вазъи ҳуқуқӣ–конститутсионии сарвари давлат барои таъмини суботи сиёсӣ ва рушди демократӣ, муайянсозии ҷойгоҳи воқеии президент дар низоми ҳокимият, ҳамгироии меъёрҳои байналмилалӣ бо шароити миллӣ, таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатдорӣ аҳамияти назаррас дорад

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 48 маводи илмиро таҳия карда, ба табъ расонидааст, ки аз ин миён 3 монография ва 45 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашршуда мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқи диссертатсионии мазкур аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 5 боб, 12 зербоб, хулосаҳо ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисми муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамияти мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти

назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31–33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва манбаъҳо собит карда шудааст. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омадааст, ки диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод карда шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии сарвари давлат дар кишварҳои Осиёи Марказӣ: таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо тартиби овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ мутахассисони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи

мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат менамояд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод мекунад:

– Ализода Зариф – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;

– Элназаров Давлатшо Хоҷаевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистон ва Россия;

– Шокиров Ғайбулло Абдуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 нусха) ва ирсол намудани он ба суроғаҳои муайяншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ
аъзои Шурои диссертатсионӣ Соибов З.М.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Мирзамонзода Х.М.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Алимов С.Ю.

**Имзои Соибов З.М. ва Мирзамонзода Х.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

**Имзои С.Ю. Алимовро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи
байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи
(Славянии) Тоҷикистон ва Россия Раҳимов А.А.

30.08.2015